O‘ZBEKISTON RESPUBLIKASI
OLIY TA’LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI

FARG‘ONA DAVLAT UNIVERSITETI

# FarDU. ILMIY XABARLAR-

1995-yildan nashr etiladi
Yilda 6 marta chiqadi

3-2024

# НАУЧНЫЙ ВЕСТНИК. ФерГУ

Издаётся с 1995 года
Выходит 6 раз в год

O‘zbekistonda nomoddiy madaniy meros muhofazasi ........................................................ 332
**U.N.Olimov**
Arab tarixshunosligida XIX asr oxirida Markaziy Osiyodagi siyosiy jarayonlar va Rossiya imperiyasi bosqinining o’rganilishi ........................................................ 336
**M.Q.Tolibboyev**
O‘zbekiston hududida mahallaga xos ilk belgilarning paydo bo‘lishi va boshqaruv an’analariga doir mulohazalar ........................................................ 340
**X.S.Jumanazarov**
Xalq tabobatida davolash usullarining mintaqaviy xususiyatlari ........................................................ 346
**Sh.N.Jo‘rayev**
Sulton Husayn Boyqaro davrida diniy ulamolarning o‘rni ........................................................ 351
**O.M.Normatov**
O‘zbekistonda o‘tkazilgan rayonlashtirish natijalari ........................................................ 356
**D.G‘.Mirzayev**
“Turkiston viloyatining gazetasi” da Qo‘qon xonligining bosib olinishiga oid ma’lumotlar tahlili ........................................................ 361
**A.O.Toirov**
Anushteginiylar sulolasi davrida ijtimoiy hayot ........................................................ 369
**P.A.Nabiyev**
“Farg‘ona vodiysi tojiklarining farzand tug‘ilishi va to‘y marosimlari bilan bog‘liq bo‘lgan urf-odat va an’analari (Qorategin tojiklari misolida)” ........................................................ 373
**A.A.Mamadjanov**
Muhammad Vafo Karmanagiy – Buxoro amirligi tarixchilik maktabining ilk vakili ........................................................ 378
**Р.А.Арслонзода**
Тасвири макотиб ва мадориси аморати бухоро дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ ....... 382

ADABIYOTSHUNOSLIK

**A.A.Kasimov, Sh.G‘.Akbarova**
Badiiy retsepsiyaning nazariy asoslariga doir ........................................................ 389
**Z.J.Pardayeva**
Dostoevskiy, Baxtin, Polifonik roman ........................................................ 393
**H.Jo‘rayev**
Totem tushunchalarning ijtimoiy tafakkur tarixidagi o‘rni ........................................................ 401
**K.A.Jamahmatov**
Adabiy manbalarda Arshiy Termiziyning hayoti va ijodiy faoliyatining tadqiqi ........................................................ 404
**X.Jo‘rayev, M.Ismoilova**
Ijtimoiy tafakkurning majoziy ifodasi ........................................................ 410
**I.I.Rustamova**
Dramada sahnada ko‘rinmaydigan qahramon va uning badiiy talqini ........................................................ 413
**M.A.Jo‘rayeva**
Jadid adabiyotida safarnoma janri va uning taraqqiyoti ........................................................ 417
**M.Islomova**
Taqlid va Tasvir ........................................................ 421
**D.G‘.Gafurova, A.A.Qayumov**
Isajon Sulton hikoyalarida shamol timsoli ........................................................ 424
**Х.Т.Мирзаев**
Талқини рукнҳои арӯзӣ дар рисолаи “Меъроҷ-ул-арӯз”-и Муҳаммад Ғиёсиддин .............. 428
**N.Q.Bo‘riyeva**
J.R.R.Tolkinning “Uzuklar hukmdori” asarida yaxshilik kontsepti ........................................................ 433
**M.Sh.Dehqonova**
Mustaqillik davri dramaturgiyasi va adabiy tanqid ........................................................ 440
**G.A.Mashrapova**
Ertak syujet tiplarida qidiruvga qarshi safar (antiqidiruv) motivi turlari ........................................................ 445
**Q.V.Yo‘lchiyev**
Abdulla Sherning “Ikki ayol haqida qo‘shiq” she’ri tahlili ........................................................ 449
**B.N.Isakova**
Adabiyotda badiiy va mushtarak tarjimaning ahamiyati ........................................................ 456

FarDU. Ilmiy xabarlar – Scientific journal of the Fergana State University

Volume 30 Issue 3, 2024-yil DOI: 10.56292/SJFSU/vol30_iss3/a77

UO‘K: 947 (575.1)

# ТАСВИРИ МАКОТИБ ВА МАДОРИСИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР “ЁДДОШТҲО”-И САДРИДДИН АЙНӢ

# SADRIDDIN AYNI “XOTIRALARI”DA BUX AMIRLIGI MAKTAB VA MAKTABLAR TAVSIFI

# ОПИСАНИЕ ШКОЛ И ШКОЛ ЭМИРАТА БУХ В «ВОСПОМИНАНИЯХ» САДРИДДИНА АЙНИ

# DESCRIPTION OF THE SCHOOLS AND SCHOOLS OF THE BUKH Emirate IN THE "MEMORIES" OF SADRIDDIN AYNI

**Арслонзода Раҳматжон Арслонбоевич**
и. в. профессори кафедраи Таърихи ҷаҳони Донишгоҳи давлатии Фарғона, номзади илмҳои таърих

***Шарҳи мухтасар***

*Дар мақола маводҳо перомуни аҳволоти макотиб ва мадорис, ки дар “Ёддоштҳо”-и нависанда ва олими барҷаста Садриддин Айнӣ оварда шудаанд, мавриди таҳқиқ қарор доранд. Қайд карда мешавад, ки азбаски муаллиф солиёни дароз дар мактаби кӯҳна ва мадорис таҳсил гирифтааст, маълумотҳои овардаи ӯ боваринок буда, асари мазкур оид ба таърихи сохтори таълим дар аморати Бухоро сарчашмаи боэътимод маҳсуб меёбад.*

***Annotatsiya***

*Maqolada atoqli yozuvchi va olim Sadriddin Ayniyning “Esdaliklar”ida eski maktab va madrasalar haqida keltirilgan ma’lumotlar tahlil etiladi. Muallifning o‘zi uzoq yillar davomida ushbu ta’lim muassasalarida tahsil olganligi bois u keltirgan ma’lumotlar ishonchli ma’lumotlar ekanligi va bu asar Buxoro amirligi ta’lim tizimi tarixiga oid muhim manba ekanligi ta’kidlanadi.*

***Аннотация***

*В статье анализируются сведения о деятельности старых мактабов и медресе, содержащиеся в “Воспоминаниях” выдающегося писателя и ученого Садриддина Айни. С учетом того, что автор долгие годы сам обучался в старой школе и медресе, подчеркивается достоверность приводимых ими сведений и важность его мемуаров как источника по истории системы образования в Бухарском эмирате.*

***Abstract***

*The article analyzes information about the activities of old-style schools and madrasas contained in the “Memoirs” of the outstanding writer and scientist Sadriddin Aini. Taking into account the fact that the author himself studied in an old-style school and madrasah for many years, the reliability of the provided information and the importance of his memoirs as a source on the history of the education system in the Bukhara Emirate are emphasized.*

***Калидвожаҳо:*** *ёддоштҳо, мактаби кӯҳна, домулло, бибихалифа, мадраса, ҳуҷра, нақшаи таълим, дастури таълим, дарс, мударрис, талаба, “машғулотҳои синфӣ”, шарҳ, вақф.*

***Таянч сўз ва иборалар:*** *эсдаликлар, эски мактаб, домулло, отинойи (бибихалифа), мадраса, ҳужра, ўқув режаси, ўқув дастури, дарс, мударрис, талаба, “синф машғулотлари”, шарҳлар, вақф.*

***Ключевые слова и выражения:*** *воспоминания, старая школа (мактабы), домулло, бибихалифа, медресе, худжра, учебный план, учебная программа, мударрис, студент, “классные занятия”, комментарии, вакуф.*

***Key words:*** *memoirs, old-style school (maktab), domullah, bibikhalifah, madrasah, khujrah, curricula, mudarris, student, "class activity", comments, vakouf.*

## САРСУХАН

Дар давоми қарнҳои зиёд дар мамолики Шарқи мусалмон мактабҳои кӯҳна ва мадрасаҳо маскани асосии бархӯрдор намудани мардум аз илму ирфон буданд. Пӯшида нест, ки бисёр нобиғагони мо дар мактабу мадрасаҳо таҳсил гирифта, ба тамаддуни умумбашарӣ саҳми босазои худро гузоштанд. Аммо дар охири садаи XIX ва оғози садаи XX,

дар шароите, ки дар миқёси ҷаҳон дар сохтори таълим ва фанни педагогика дигаргуниҳои куллӣ рух дод, макотиби кӯҳна ва мадорис ба талабҳои нави замон мувофиқат намекарданд. Ин ҳолат дар як қатор сарчашмаҳои таърихӣ, азҷумла дар асари калонҳаҷми адиб ва олими барҷастаи тоҷик Садриддин Айнӣ “Ёддоштҳо” акси худро ёфтааст.

## ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТҲО ВА МЕТОДОЛОГИЯ

То кунун “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ ҳадафи пажӯҳиши якчанд муҳаққиқон гардидааст. Ба туфайли мақола ва китобҳои олимони шинохта А.З.Розенфелд [10], А.А.Семёнов [11], М.Шукуров (Муҳаммад Шакурии Бухорой) [12; 13] ва дигарон аҳамияти ёддоштҳои устод Айнӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ то дараҷаи муайян тадқиқ карда шудааст. Азбаски “Ёддоштҳо” асари сермеҳвар буда, дар он соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии аморати Бухоро инъикоси худро ёфтаанд, муаллифони дар боло зикршуда маҳз ба тавсифи макотиб ва мадорис эътибори кофӣ надодаанд. Аз ҳамин лиҳоз ниёз ҳаст, ки аҳволоти макотиб ва мадорис дар аморати Бухоро тибқи ёддоштҳои устод Айнӣ махсус омӯхта шавад.

Дар мақолаи мазкур муфассал баён кардани нақша ва дастурҳои макотиб ва мадорис, усулҳои тадриси фанҳо, ошкор намудани сабабҳои ақибмонии сохтори таълим дар аморати Бухоро ва Осиёи Марказӣ ҳамчун мақсади асосӣ гузошта шудааст.

Дар ҷараёни таҳия намудани мақола аз усулҳои зерини тадқиқот – таърихият, қиёсу муқобала, таҳлили муаммовӣ-хронологӣ ва муаммовӣ-ҳудудӣ истифода бурда шуд.

## НАТИҶА ВА МУҲОКИМА

Садриддин Саидмуродзода Айнӣ 15 апрели соли 1878 дар деҳаи Соктареи ноҳияи Ғиждувони аморати Бухоро дар оилаи деҳқон таваллуд ёфтааст. Ӯ дар овони бачагӣ дар мактаби деҳа таълим гирифт, баъд солиёни дароз дар мадориси Бухоро – Мири Араб, Олимҷон, Бадалбек, Ҳоҷӣ Зоҳид ва Кӯкалдош таҳсилро идома дод. Аз ин минвол, Айнӣ фаъолияти муассасаҳои онвақтаи таълимро хуб медонист ва онро дар “Ёддоштҳо”-и худ хеле амиқ тасвир кардааст. Ин асари ӯ сарчашмаи боэътимод оид ба таърихи сохтори таълим дар аморати Бухоро маҳсуб меёбад.

Тибқи маълумотҳои Айнӣ, дар аморати Бухоро мактабҳо (дар адабиёти муосир онҳоро “мактаби кӯҳна” меноманд) асосан дар назди масҷидҳо мавҷуд буда, одатан, имомони масҷид вазифаи мактабдориро дар уҳда доштанд. Табиист, ки ин мактабҳо бештар мактабҳои динӣ буданд. Онҳо нафақат дар шаҳр, балки дар деҳот низ фаъолият доштанд. Вазифаи асосии мактабҳо додани маълумоти ибтидоӣ ба насли наврас буд, яъне бачагон мебоист хондан, навиштан, шумурдан ва асосҳои дини исломро ёд гиранд.

Солҳои бачагии Айнӣ дар деҳаҳои Соктаре ва Маҳаллаи Боло гузашта буд. Дар ёддоштҳои худ ӯ перомуни мактабҳое, ки дар ин ду деҳа фаъолият мебурданд, маълумотҳои зеринро овардааст.

Дар мактаби Соктаре машғулотҳо ҳам дар фасли баҳор, ҳам дар фасли зимистон баргузор мегардиданд. Аз ҳамин сабаб дар ин деҳа теъдоди одамони саводнок нисбат ба деҳаҳои дигар бештар буд. Дар назди масҷиди Маҳаллаи Боло низ мактаб буд, аммо азбаски худи имом савод надошт, ин мактаб фаъолият намебурд ва аҳли деҳа саросар бесавод буданд [1, б. 28.].

Вақте ки Садриддин шашсола шуд, падараш ӯро ба мактаби деҳаи Соктаре бурд. Перомуни сатҳи таълим дар ин мактаб Айнӣ дар қиссаи тарҷумаиҳолии худ “Мактаби кӯҳна” маводҳои муфид овардааст.

Бояд қайд намуд, ки мактаби кӯҳна одатан дар як хона ё ҳуҷра ҷойгир гашта, дар ин ҷо курсӣ барои нишастани донишомӯзон ва тахтаи синф барои навиштани хат набуд. Донишомӯзон дар болои палос ё бурё чорзону нишаста, сабақ мехонданд. Барои омӯхтани фанҳо китобҳои дарсӣ (дар маънои томи ин вожа) набуданд. Ба ҳар як донишомӯз тахтачаи ҳамвор дода мешуд. Ба тахтача мактабдор ҳарфҳоеро, ки мебоист бачагон ёд гиранд, менавишт. Дар ҷараёни дарс аз донишомӯзон талаб карда мешуд, ки номи ҳарфҳоро бисёр маротиба ва бо овози баланд такрор намоянд.

Дар мактаби кӯҳна бачагони синну солашон гуногун (аз 4-сола то 12-сола) ҳамҷоя дар як синф таҳсил мекарданд. Дастури таълим барои ҳамаи онҳо як хел буд. Ба бачагони шӯх ё

лаёқаташон паст ҷазои ҷисмонӣ дода мешуд: онҳоро бо чӯб мекӯфтанд ва ба ҷароҳати онҳо намак мепошиданд [4, с. 60-64, 78-79.].

Дар мактаби кӯҳна ҷараёни таълим мутлақо тибқи талаботи замон набуд. Аз ин лиҳоз, гарчанд бачагон ба мактаб мерафтанд, аммо савод баровардани онҳо кори мушкил буд. Падари Айнӣ Саидмуродхоҷа ин ҳолатро дарк намуда, Садриддинро аз мактаби писарбачагон, ки дар он ҷо донишомӯзон бисёр шӯхӣ мекарданд, бароварда, ба мактаби духтарбачагон, ки бибихалифа дар хонаи худ кушода буд, дод. Дар мактаби духтарон Садриддин "Ҳафтяк"-ро, ки аз сураҳои кӯтоҳтарини Қуръон иборат буд, ба итмом расонд, "Чоркитоб"-ро хонд, якчанд сураҳо ва баъзе шеърҳои Хоҷа Ҳофизро азёд кард. Бо ёрии падараш ҳисоби абҷадро ёд гирифт. Аммо Садриддин баъди хатми мактаби ибтидоӣ ҳамон савод надошт. "Ман мактабро хатм кардам, – менависад Айнӣ дар "Ёддоштҳо", – аммо ҳанӯз савод надоштам. Бале, ман он чизеро ки дар мактаб хондам, аз ҳамон китоб хонда метавонистам, аммо матнеро аз китобе, ки муқаддам надида будам, ёки худи ҳамон матнро аз китоби дигар хонда наметавонистам" [1, б. 92.]

Саидмуродхоҷа, ки фарди бомаърифат шудани писарашро орзу мекард, ӯро ба ҳайси шогирд ба хатиби деҳа медиҳад. Бо хатиб Садриддин китобҳои "Аввали илм" ва "Бидон"-ро омӯхт, онҳоро азёд кард, аммо ӯ ҳамон навиштанро намедонист. Падараш Саидмуродхоҷа аз ҷияни худ Саид Акбар, ки дар мадрасаи Бухоро таълим мегирифт, илтимос кард, ки ба Садриддин навиштанро ёд диҳад. Саид Акбар дар фасли тобистон, ҳангоми таътил, ба Садриддин навиштанро ёд дод.

Хулоса аз шиносоӣ бо ёддоштҳо ва қиссаи номбурдаи Айнӣ чунин аст: дар анҷоми садаи XIX ва оғози садаи XX макотиби кӯҳна, ки дар аморати Бухоро ва дигар марзҳои Осиёи Марказӣ вуҷуд доштанд, ба талаботи замони нав ҷавоб намедоданд. Мактабҳо бинои махсус надоштанд. Дар ташкил намудани таълим синну соли бачагон ба ҳисоб гирифта намешуд, донишомӯзони хурду калон дар як синф таҳсил мегирифтанд. Макотиби кӯҳна бо китобҳои дарсӣ ва раҳнамоҳои таълимӣ таъмин нагашта буд, мактабдорон аз асбобҳои аъёнӣ истифода намебурданд, нисбати донишомӯзон ҷазои тан татбиқ карда мешуд. Дар натиҷа савияи таълиму тарбия ниҳоят паст буд, аксарияти бачагон дар давоми се-чор сол ҳам хонадану навиштанро ёд намегирифтанд. Азбаски Айнӣ ин ҳама камбудиҳоро дар таҷрибаи ҳаётии худ дида ва аз сар гузаронида буд, дертар ғояи ҷадидони равшанфикрро дар бораи ташкил намудани мактабҳои усули нав дастгирӣ намуд ва барои ин мактабҳо якчанд китобҳои дарсӣ иншо кард.

Муттасилии таълим дар Осиёи Марказӣ дар фаъолияти мадрасаҳо акси худро ёфт. Айнӣ, ки дар давоми солҳои бисёр дар мадориси Бухоро таҳсил гирифт, аз сатҳи таълиму тарбия дар он ҷо нағз хабардор буд. Аз ин лиҳоз, ёддоштҳои ӯ оид ба таърихи мадрасаҳо низ сарчашмаи боэътимод маҳсуб меёбанд.

Қисми дуввуми "Ёддоштҳо" бо тавсифи мадориси Бухоро оғоз шудааст. Муаллиф дар мадди аввал ба намуди зоҳирии мадрасаҳо эътибор медиҳад. Дар замони гузашта ҳукмдорон ё одамони сарватманд бо мақсади худро ҳамчун фарди маърифатпарвар муаррифӣ кардан, ё дар хотири авлодон номи нек гузоштан аз ҳисоби маблағи худ мадрасаҳо бунёд карданд. Мадраса аз ҳуҷраҳо иборат буда, дар онҳо донишҷӯён мезистанд ва илм меомӯхтанд. Ҳуҷраҳо ғоят танг буда, тиреза надоштанд ё дар ҷои тиреза нақшҳои тахтагин буданд. Хӯрокпазӣ, хӯроккӯрӣ, шустушӯй кардан, дарс тайёр кардан, хоб рафтан – ҳамаи ин корҳо дар ҳуҷраи танги нимторик рух медод. Тааҷҷубовар ин аст, ки дар мадорис муҳимтарин ҷо – дарсхонаҳо мавҷуд набуданд. Аз ин минвол дарсҳо одатан дар хонаи мударрисон баргузор мегаштанд.

Дар ёддоштҳои худ Айнӣ перомуни фанҳои дар мадраса тадрисшуда маълумотҳо овардааст. Дар мадорис сарфу наҳви забони арабӣ (синтаксис ва морфология), мантиқ, ақоиди ислом, илми калом, ҳикмат (табиӣ ва илоҳӣ), фиқҳ (таҳорат гирифтан, рӯза доштан, ҷаноза, ақоиди сафари ҳаҷ, тартиби харидуфурӯшӣ, соҳибӣ кардан ба ғуломон ва тартиби озод кардани онҳо, никоҳ ва қонунҳои дигари шариат) омӯхта мешуданд. Математика ва адабиёт ба доираи фанҳои иҷборӣ дохил набуданд, аз ин лиҳоз хоҳишмандон метавонистанд онҳоро дар каноре азхуд кунанд. Дар дастур забони модарӣ низ набуд. Ин фанро ҳам донишҷӯён тибқи хоҳиши худ метавонистанд аз ҳаёт ё китобҳо омӯзанд. Дастури

фанҳо ва рӯйхати адабиётҳо муқим буда, онҳо дар давоми солҳо ва ҳатто асрҳо иваз намешуданд [1, б. 163.]

Чи тавре ки дар боло таъкид карда шуд, баъзе донишомӯзон ҳатто баъди хатми мактаб ҳам савод надоштанд. Барои ҳамин донишҷӯёни мадраса дар солҳои аввали таълим тибқи дастури мактаб дарс меомӯхтанд. Даставвал онҳо аз рӯи китоби “Бидон” сабақ мегирифтанд. Дар ин китоб бо забони тоҷикӣ грамматикаи забони арабӣ баён карда шуда буд. Баъд донишҷӯён китоби “Аввали илм”-ро меомӯхтанд, ки низ ба забони тоҷикӣ таълиф гардида буд. Дар китоби мазкур дар шакли саволу ҷавоб асосҳои дини ислом баён шуда буд. Баъд аз ин донишҷӯён дар асоси китобҳои “Муиззӣ” ва “Занҷонӣ” морфология, дар пояи китоби “Авомил” бошад синтаксиси забони арабиро меомӯхтанд. Дар мадорис ин фанҳоро ёварони муаллимон, ки онҳоро “домуллои кунҷакӣ” меномиданд, тадрис мекарданд. Барои хондан ва азхуд кардани ин китобҳо се сол вақт сарф мешуд.

Сипас китоби “Шарҳи мулло”-и Абдураҳмони Ҷомӣ омӯхта мешуд. Дар ин китоб синтаксиси забони арабӣ тибқи “Кофия” таҳлил карда шуда буд. Аз ин овон донишҷӯён аз муаллимони нисбатан ботаҷриба сабақ мегирифтанд. Одатан ин гуна машғулотҳо “дарсҳои синфӣ” номида мешуд. Ҳамзамон донишҷӯён бо кӯмаки омӯзгор китобҳои “Кофия” ва “Шамсия”-ро, ки ба илми мантиқ мутааллиқ буданд, меомӯхтанд. Барои хондан ва омӯхтани ин китобҳо панҷ сол сарф мешуд.

Дар машғулотҳои синфӣ баъд аз “Шарҳи мулло” дар пояи китоби “Ҳошияи қутбӣ” омӯхтани шарҳҳо ба китоби “Шамсия” оғоз меёфт. Ба ин як сол муддат сарф мешуд. Дар айни вақт дар асоси китоби “Ақоид”-и Насафӣ аҳкоми исломӣ омӯхта мешуд. Баъд дар давоми чор сол донишҷӯён шарҳҳоеро, ки ба “Ақоид”-и Насафӣ бахшида шуда буданд, меомӯхтанд. Муаллифи ин шарҳҳо Аллом Тафтазонӣ буд. Баъд аз ин дар муддати ду сол донишҷӯён дар пояи китоби “Таҳзиб” мантиқ ва метафизикаро меомӯхтанд. Дар давоми ду соли дигар тибқи китоби “Ҳикмат ул-айн” ҳикмати табиӣ ва илоҳӣ омӯхта мешуд. Ниҳоят, дар ду соли охирини таҳсил толибони илм китоби “Мулло Жалол”-ро меомӯхтанд, ки ба илоҳиёт бахшида шуда буд. Дар поёни таҳсил одатан маросими хатми мадраса мегузашт [1, б. 165.].

Таҳлили маълумотҳое, ки Айнӣ овардааст, нишон медиҳад, ки дар мадорис вақти бисёр барои омӯхтани ягон фанни динӣ ё дунёвӣ не, балки барои омӯхтани шарҳҳо ба китобҳои гуногун сарф мешуд. Аксар вақт толибони илм ягон адабиёти таълимиро не, балки шарҳҳои ба он китобҳо бахшидашударо меомӯхтанд. Аммо ин фаъолият судманд набуд.

Дар “Ёддоштҳо”-и Айнӣ ба муддати соли хониш ва рӯзҳои дарс ҳам эътибор дода шудааст. Чи тавре ки муаллиф менависад, таҳсил дар мадраса қариб бист сол тӯл мекашид. Соли хониш расман 22 сентябр оғоз мешуд ва то 22 март идома дошт. Аммо аксарияти донишҷӯён одатан дар оғози моҳи ноябр, баъди ғунучини ҳосил ба дарс меомаданд. Маблағ ва хӯрокворӣи толибон базӯр то моҳи феврал мерасид, аз ин лиҳоз аксарияти талабагон ба хонаи худ бармегаштанд. Дар моҳи май аз гуруҳи донишҷӯён, ки 50 касро дарбар мегирифт, базӯр 10 нафар мемонд. Ҳамин 10 нафар соли хонишро ба итмом мерасонданд. Дар як ҳафта чор рӯз дарс баргузор мегардид ва се рӯз истироҳат (чоршанбе, панҷшанбе ва ҷумъа) буд [1, б. 166-167.].

Дар “Ёддоштҳо” перомуни мударрисон, усули дарс додани онҳо маълумотҳои ҷолиби эътибор оварда шудаанд. Агар дар манбаъҳои дигар коста будани ин гуна маълумотҳоро ба эътибор гирем, қадри маводҳое, ки Айнӣ овардааст, боз афзун мегардад.

Муаллифи ёддоштҳо омӯзгорони мадорисро ба се гурӯҳ қисмат мекунад. Гурӯҳи аввалро донишҷӯёни болаёқату соҳиби дониш ташкил мекарданд. Гарчи эшон мадрасаро хатм накарда буданд, онҳо бо талабагони навқабул машғулотҳо мебурданд. Ба гурӯҳи дуввум домуллоҳои кӯчак дохил буданд. Гарчи даромади онҳо хароҷоташонро намепардохт, аммо эшон меҳнати суботкорона мекарданд ва кӯшиш менамуданд, ки омӯзгори номдор шаванд. Гурӯҳи саввумро муаллимони калон – мударрисон ташкил мекарданд. Онҳо дар давоми солҳои бисёр дарс гуфта, шуҳратёр буданд. Мударрисони номдор шогирдони бисёр доштанд, аз ин минвол қисми калони даромади мадраса, ки аз вақф меомад, ба тариқи маош ба онҳо дода мешуд. Ғайр аз ин, ҳар як донишҷӯ мебоист ба мударрисон ба миқдори муайян эҳсон кунад. Масалан, вай дар саршавии омӯзиши “Шарҳи мулло” ба домулло аз 75 тин то 2 сӯм пул доданаш даркор буд *(Дар он овон нархи 1 пуд гандум 75 тинро ташкил*

*мекард – Р.А.).* Дар оғози омӯхтани “Ақоид” донишҷӯ ба домулло мебоист 4 сӯм диҳад. Ҳамин тариқ, дар ҷараёни ба марҳилаи болотар баромадани донишҷӯ миқдори эҳсон торафт меафзуд. Донишҷӯе, ки ба омӯхтани “Мулло Ҷалол” шурӯъ мекард, мебоист ба устод 20 сӯм пардохт кунад. Аз ҳамин сабаб, даромади баъзе мударрисон калон буд. Бархе аз онҳо бо ин қаноат накарда, соҳиби лавозими муфтӣ мешуданд ва дар асоси қонунҳои шариат фатво дода, барои ин кори худ низ музд мегирифтанд [7, с. 159.].

Айнӣ перомуни ҷараёни тадрис дар мадорис маълумотҳои зиёд овардааст. Худи ӯ соли 1892-1893 дар мадрасаи Олимҷон таҳсилро оғоз мекунад. Садриддин дар ин соли хониш мебоист шарҳҳоеро, ки ба китоби Абдураҳмони Ҷомӣ “Кофия” бахшида шуда буданд, омӯзад. Садриддин қарор дод, ки китоби мазкурро аз домуллои мадрасаи Ҷаъфархоҷа – Икромча омӯзад, чунки ӯ дар байни 40 нафар мударриси ин мадраса пешқадам буд. Инчунин, бародараш ва дигар шиносонаш низ дар дасти ин омӯзгор таҳсил карда буданд. Азбаски дар мадрасаи Ҷаъфархоҷа дарсхона набуд, Икромча дар болохонаи хонаи худ, ки дар маҳаллаи Хоҷа Булғор воқеъ буд, дарс мегуфт. Шумораи донишҷӯёне, ки ба дарси ӯ меомаданд, аз 60 нафар кам набуд.

Толибони илм дар болои палос бо ҳамдигар ҷафс шуда менишастанд. Аз байни онҳо талабаи қорӣ аз китоб порчаеро бо забони арабӣ қироат мекард. Мударрис онро ба забони тоҷикӣ шарҳ медод. Вақте, ки домулло ягон ҷумларо маънидод мекард, донишҷӯён мунозираи беҷоро оғоз менамуданд. Баъзан баҳси онҳо ба бетартибӣ мубаддал мегашт. Омӯзгорони ботаҷриба ба ҷавонони баҳсталаб пӯписа карда, онҳоро ором мекарданд. Ин гуна мубоҳиса баъзан то як соат давом мекард ва бо ҳамин дарс ба поён мерасид. Чи тавре ки Айнӣ менависад, ҳангоми дарс аз 10 донишҷӯ 8 нафари онҳо чизеро намефаҳмиданд ва мавзуро азхуд накарда мерафтанд. Аммо дар кӯча бо таманнои он, ки бигузор онҳоро низ донишҷӯи доно пиндоранд, бо овози баланд баҳс мекарданд. Дар ин гуна мунозира одатан шахсе, ки овози баландтар дошт, ғолиб мегардид [7, с. 156-157.].

Чи тавре ки муаллиф менависад, дар ин овон мадориси Бухоро маскани илм, уламоҳои Бухоро бошанд олимони пешқадам маҳсуб меёфтанд. Ваҳолонки, менависад Айнӣ, дар мадрасаҳо нафақат фанҳои табиӣ, балки илмҳои динӣ ҳам мувофиқи табъ тадрис карда намешуданд. Масалан, баъзе донишҷӯён тафсир, ҳадис, фиқҳ барин фанҳоро аз канор омӯзгор ёфта, пул дода ёд мегирифтанд. Аммо аксари толибон аз камбизоатӣ ин гуна имкониятро надоштанд.

Муаллиф менависад, ки аз мадориси Бухоро бархе олимони болаёқат низ баромадаанд, аммо ин маҳсули дастури пурмазмуни мадраса ё ширкат варзидани донишҷӯён дар баҳсу мунозараҳо набуд, балки эшон бештар ба туфайли фавқулиқтидор будан ва тавассути худомӯзии мустақилона соҳиби дониш мегаштанд [7, с. 158.].

Садриддин Айнӣ перомуни вақф, ки дар таъминоти моддии мадорис нақши калон дошт, маълумотҳои муфассал медиҳад. Ҳукмдорон ё ашхоси сармоядор заминҳои корам, корвонсарой, дукон, ҳаммом ва ҷойҳои дигарро ба мадрасаҳо ҳамчун вақф тақдим менамуданд. Даромаде, ки аз вақф меомад, барои таъмири мадраса, таъминоти моддии мударрисон ва донишҷӯён сарф карда мешуд. Дар баъзе мадрасаҳо китобхонаҳо низ мавҷуд буданд. Дар санадҳои мулкияти мадраса ба забони арабӣ ҷумлаҳои зерин сабт шуда буданд: “Фурӯхта намешавад, харида намешавад, ба касе васият карда намешавад ва мерос гузошта намешавад ва касе, ки ин гуфтаҳоро тағйир диҳад, лаънати худо, лаънати пайғамбарони худо ва лаънати тамоми малоикаҳо бар вай бод” [2, с. 200.]. Аммо сарфи назар аз ин огоҳинома, мулки асосии мадорис – ҳуҷраҳо ба моликияти хусусӣ табдил ёфтанд, онҳоро мефурӯхтанд ва мехариданд. Муаллиф дар ёддоштҳои худ таърихи ин ҳолатро чунин баён мекунад.

Дар аҳди ҳукмронии намояндаи вопасини Аштархониён – Абулфайзхон (1711-1747) дар натиҷаи ҳамлаи қазоқҳо ва ҷунғорҳо, инчунин, авҷ гирифтани набарди дохилӣ барои ҳокимият мадориси Бухоро ва Самарқанд хароб гаштанд, донишҷӯён ва мударрисон пароканда шуданд. Мадрасаҳои Самарқанд ба корвонсарой табдил ёфтанд, рӯзҳои бозор дар қабати якуми мадрасаҳо чорпо нигоҳ медоштанд. Мадориси Бухоро низ бе нигоҳубин буданд ва то ҳамин дараҷа хароб гаштанд, ки одамон ҷуръат намекарданд, ки ҳатто рӯзона ба даруни бинои мадраса дароянд. Заминҳое, ки мулки мадорис буданд, ба дасти баъзе

корчаллонҳо гузаштанд. Оқибати бесарусомонӣ дар кишвар ҳамин буд, ки савдо ва тиҷорат ба ҳолати танг омад ва аз ин лиҳоз мулки вақф – дуконҳо, корвонсаройҳо ва ҳаммомҳо даромади дуруст намеоварданд. Ин ҳолати ногувор дар аҳди ҳукмронии намояндагони нахустини сулолаи Манғитиён низ идома дошт.

Дар аҳди ҳукмронии амир Шоҳмурод вазъият тадриҷан дигаргун шуд. Ӯ вақфҳоро танзим дод, дар натиҷа мулки вақф боз даромад овард. Аммо ҳуҷраҳо дар ҳолати ғамангез буданд. Дар хазина барои таъмири онҳо маблағ набуд. Дар ин шароит Шоҳмурод фармони зеринро баровард: "Ҳар талабае, ки яке аз ҳуҷраҳои мадрасаро бо харҷ ва меҳнати худ обод карда дар вай нишинад, он ҳуҷра аз они вай бошад ва ҳар вақт, ки ӯ хоҳад, бо гирифтани маблағи дар таъмир сарф кардааш метавонад он ҳуҷраро ба талабаи дигар гузорад" [2, с. 201.]. Ба шарофати ин фармон, дар давоми 2-3 сол ҳуҷраҳои мадориси Бухоро ва Самарқанд азнав таъмир гардиданд. Аз ҳамон вақт ҳуҷраҳоро фурӯхтан ранги одатро гирифт.

Баъди чанд муддат заминҳои вақф ва растаҳои савдо даромади хуб оварданд. Руҳи тиҷорат ба мадорис низ ворид шуд. Акнун ҳуҷраҳоро нафақат донишҷӯён, балки одамони дигар низ харида мегирифтанд. Баъзе одамони сарватманд соҳиби якчанд ҳуҷраҳо гардиданд. Ҳар як ҳуҷра ба 20-30 ҳазор танга фурӯхта мешуд. Нархи баъзе ҳуҷраҳои харобаи мадрасаи Ҷаъфархоҷа то 50 ҳазор танга боло шуд. Аммо дар баъзе мадорис бозори ҳуҷраҳо касод буд, чунки онҳо вақф надоштанд. Қозиён ба ивази пул ба шартномаи харидуфурӯши ҳуҷраҳо муҳр пахш мекарданд. Дар ин гуна шароит донишҷӯёне, ки имконияти харида гирифтани ҳуҷраро доштанд, хеле кам буданд. Онҳо аксаран ҳуҷраро аз соҳибони он ба иҷора мегирифтанд [7, с. 151.].

## ХУЛОСА

Хулоса кардан гуфтан мумкин, ки азбаски Садриддин Айнӣ дар давоми солиёни дароз дар мактаби кӯҳна ва мадраса таҳсил гирифта буд, дар асари худ перомуни ҳолот ва фаъолияти ин муассисаҳои таълим маълумотҳои холисона ва муфид меоварад. Аз "Ёддоштҳо" хулоса кардан мумкин аст, ки дар охири садаи XIX дар аморати Бухоро ва умуман дар Осиёи Марказӣ сохтори таълим аз талаботи ҳаёт ниҳоят ақиб монда буд. Макотиб ва мадорис асосан муассасаҳои конфессионалӣ буда, дар нақшаҳо ва дастурҳои таълимӣ фанҳои динӣ мавқеи асосиро ишғол мекарданд. Дар мактаби кӯҳна ва мадрасаҳо ба омӯхтани фанҳои табиӣ ва гуманитарӣ эътибори кофӣ дода намешуд. Сохтори таълим бо ҳаёт ва рушди истеҳсолот узван вобаста набуд. Мадрасаҳо асосан хизматчиёни динӣ – муллоён, муфтиҳо, қуззот, хатибҳо, муҳтасибҳо, мутаваллиҳо ва ғайраро тарбият мекарданд. Дар сохтори таълим мутахассисони замонавӣ – муҳандисон, агрономҳо, омӯзгорон, пизишкон, ветеринарҳо ва ҳоказо тайёр карда намешуданд. Чунин аҳволи ногувор яке аз сабабҳои ақибмонии иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодии аморати Бухоро ва Осиёи Марказӣ дар охири садаи XIX ва оғози садаи XX буд. Барои ҳамин дар ин овон ҷадидон ва, аз он ҷумла Садриддин Айнӣ, саъй ба харҷ доданд, ки сохтори маорифро дар кишвар ислоҳ кунанд. Аммо дар шароити ҳукмфармоии амир ва уламоёни иртиҷоӣ саъю кӯшиши ҷадидон натиҷаи дилхоҳ надод.

## МАНБАЪҲО ВА АДАБИЁТҲО

1. Айний С. Эсдаликлар. – Тошкент: Ўздавнашр, 1953.
2. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Қисми 1 ва 2 // Куллиёт. Ҷилди 6. – Душанбе: нашр. давл. Тоҷ-н, 1962.
3. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Қисми 3 ва 4 // Куллиёт. Ҷилди 7. – Душанбе: нашр. давл. Тоҷ-н, 1962.
4. Айнӣ С. Мактаби кӯҳна // Куллиёт. Ҷилди 5. – Душанбе: нашр. давл. Тоҷ-н, 1963. – С. 51-93.
5. Айний С. Эсдаликлар. 1- ва 2-қисмлар // Асарлар. 6-том. – Тошкент: "Тошкент" бадиий адабиёт нашриёти, 1965.
6. Айний С. Эсдаликлар. 3- ва 4-қисмлар // Асарлар. 7-том. – Тошкент: "Тошкент" бадиий адабиёт нашриёти, 1965.
7. Айни С. Бухара (Воспоминания). Часть 1- и 2-я // Собр. соч. Т. 4. – Москва: Художественная литература, 1974.
8. Айни С. Бухара (Воспоминания) Часть 3- и 4-я // Собр. соч. Т. 5. – Москва: Художественная литература, 1974.
9. Айнӣ С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009.

10. Розенфельд А.З. Садриддин Айни и его «Воспоминания» // Айни С. Воспоминания. – М.-Л.: изд-во АН СССР. 1960. – С. 941-985.
11. Семенов А.А. К прошлому Бухары [О «Воспоминаниях» С.Айни] // Айни С. Воспоминания. – М.-Л.: изд-во АН СССР. 1960. – С. 986-1014.
12. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ. — Душанбе: Дониш, 1966. — 245 с.
13. Шакурӣ Муҳаммадҷони Бухорой. Садриддин Айнӣ равшангари бузурги таърих. — Хуҷанд: Нури Маърифат, 2001. — 106 с.
14. https://tg.wikipedia.org/wiki/A3
15. https://www.rulit.me/author/ajni-sadriddin/vospominaniya-download-226083.html
16. https://www.vostlit.info/Texts/Dokumenty/M.Asien/XIX/1880 1900/Aini_Sadriddin/red.phtml